Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Банӣ одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

7 ноябри соли 2026 Шанбе № 89 (15308)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

МАЪРИФАТ, РУШДИ РАҚАМӢ ВА АМНИЯТ: ДАР НИШАСТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНӢ ПЕШБАРӢ ШУДАНД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев ва Подшоҳи Шоҳигарии Ҳошимии Урдун Абдуллоҳи II 5–6 ноябр бо сафари корӣ дар шаҳри Остона қарор дошт.



Сарвари давлат 6 ноябр дар мулоқоти сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи «Раванди Ақаба» роҷеъ ба масъалаҳои таъмини амният дар соҳаи зеҳни сунъӣ, ки дар шаҳри Остона доир гардид, иштирок намуд.

Дар чорабинӣ Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, Подшоҳи Шоҳигарии Ҳошимии Урдун Абдуллоҳи II, намояндагони воломақоми Озарбойҷон ва Қирғизистон, инчунин, меҳмонони хориҷӣ низ ширкат варзиданд.

Масъалаҳои таъмини амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ, мубориза бо терроризм ва экстремизм, инчунин хатару таҳдидҳои нави марбут бо рушди технологияҳои рақамӣ баррасӣ гардиданд.

Ба тавсеаи ҳамкориҳои амалии байни давлатҳо, табодули таҷриба, бахусус такмили механизмҳои пешгирии ифротгароӣ миёни ҷавонон диққати махсус дода шуд.

Президенти кишварамон зимни суханронӣ аҳамияти «Раванди Ақаба»-ро дар шароити кунунӣ, ки таҳдидҳо ба амният ва субот меафзоянд, баланд арзёбӣ намуд.

Гуфта шуд, ки рушди босуръати технологияи зеҳни сунъӣ дар баробари фароҳам овардани имконоти бузург барои инсоният, ҳамзамон таҳдидҳои навро низ ба миён меорад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароит барои таълими босифат ва ҳамаҷониба намоён кардани иқтидори инсонӣ чун заминаи муҳими таъмини амният таъкид гардид.

Сарвари давлат бо мақсади ҳамоҳанг сохтани анъанаҳои башардӯстонаи маърифату талош барои донишандӯзӣ бо дастовардҳои илму технологияи муосир ташаббуси «Рушди рақамӣ дар роҳи манфиатҳои инсон»-ро пешбарӣ намуд. Вазифаи асосии он равона сохтани имкониятҳои зеҳни сунъӣ барои васеъ паҳн намудани дониш, таҳкими фазои эътимоди мутақобила ва фароҳам овардани имкониятҳои нав барои камолоти шахс мебошад.

Ташаббуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба роҳандозии муколамаи ҷаҳонӣ роҷеъ ба масъалаҳои идоракунии зеҳни сунъӣ дастгирӣ ёфт.

Бо мақсади гузоштани саҳми амалӣ дар талошҳои ҷаҳонӣ барои таъсиси дафтари минтақавии Садорати мубориза бо терроризми СММ дар қаламрави Ӯзбекистон изҳори омодагӣ карда шуд. Дафтари мазкур бобати роҳандозии фаъолияти шабакаҳои огоҳсозӣ дар бораи маводи дорои мӯҳтавои террористӣ ва таъмини корбарии онҳо, ошкор намудани ҳолатҳои маблағгузории терроризм, такмили ихтисоси касбии мутахассисон, инчунин, истифодаи самарабахши имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ин равандҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ кумаки амалӣ мерасонад.

Инчунин, дар заминаи Маркази тамаддуни исломии Ӯзбекистон роҳандозӣ намудани барномаи байналмилалии «Дар даврони рақамӣ маърифат алайҳи ҷаҳолат» пешниҳод гардид. Офаридани захираҳои иттилоотии бисёрзабона, омодасозии арбобони дин барои фаъолият дар муҳити иттилоотӣ ва дастгирии муҳаққиқони ҷавоне, ки арзишҳои башардӯстонаи дини исломро тарғиб менамоянд, аз вазифаҳои асосии он хоҳанд буд.

Сарвари давлат дар анҷоми суханронӣ таъкид кард, ки ояндаи зеҳни сунъӣ на танҳо ба пешрафти технологӣ, балки ба мақсадҳои истифодаи он низ вобаста аст. Аз ин рӯ, на ба манбаи таҳдидҳо, балки ба воситаи пуриқтидори таъмини сулҳ, амният ва рушди инсон табдил додани технологияҳои нав, бояд ҳадафи муштараки ҳамагон бошад.

Дар доираи мулоқоти «Раванди Ақаба» дар шаҳри Остона Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Подшоҳи Урдун Абдуллоҳи II ибни ал-Ҳусайн мулоқот анҷом дод.

Сарвари кишвари мо таъкид намуд, ки дар шароити кунунӣ, ки таҳдидҳои нав дар ҷаҳон рӯ ба афзоиш доранд, ин платформаи бо ташаббуси Подшоҳи Урдун таъсисёфта аҳамияти бештар касб мекунад.

Дар мулоқот масъалаҳои муҳими тавсеаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи байни ду кишвар, аз ҷумла раванди татбиқсозии тавофуқоти дар сатҳи олӣ ҳосилшуда, баррасӣ гардиданд.

Тайи солҳои охир фаъол гардидани сафар ва робитаҳои мутақобила бо қаноатмандӣ таъкид гардид. Парвозҳои ҳавоӣ роҳандозӣ шуда, ҷамъомади Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ баргузор гардид, Шӯрои соҳибкорон таъсис ёфт.

Зимни мулоқот ҷонибҳо ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкориҳо, бахусус, густариши робитаҳо дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангию гуманитарӣ ба мувофиқа расиданд.

Ҳамчунин, роҳбарони Ӯзбекистон ва Урдун роҷеъ ба нақшаи чорабиниҳои дуҷонибаи минбаъдаи сатҳи олӣ ва дигар масъалаҳои рӯзнома табодули афкор намуданд.

Дар доираи чорабинӣ сӯҳбати роҳбари Ӯзбекистон бо президентҳои Қазоқистон, Тоҷикистон ва Туркманистон, намояндагони олимақоми Озарбойҷон ва Қирғизистон, инчунин, модератори «Раванди Ақаба» баргузор гардиданд.

Бо ҳамин Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба шаҳри Остона анҷом ёфт.

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Остона Президенти Ӯзбекистонро Президенти Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев гусел намуд.

ӮзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

БА ИШТИРОКДОРОНИ НАХУСТИН МУЛОҚОТИ КОРШИНОСОНИ «СҲШ ПЛЮС» ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ АМНИЯТ

Муҳтарам иштирокдорони форум!

Шуморо бо ифтитоҳи нахустин мулоқоти коршиносони «СҲШ плюс» оид ба масъалаҳои амният самимона табрик мегӯям.

Пеш аз ҳама, барои дастгирии ташаббуси Ӯзбекистон ва таваҷҷуҳатон ба таҳкими ҳамкориҳои байни кишварҳоямон изҳори сипос менамоям.

Иштироки роҳбарон ва намояндагони хадамоти махсуси кишварҳои узви СҲШ, давлатҳои нозир ва шарикони муколама дар чорабинии имрӯза, аз ҳавасмандии муштараки онҳо ба муттаҳид сохтани саъю талошҳо дар мубориза бо таҳдиду хатарҳои муосир гувоҳӣ медиҳад.

Имсол Созмони ҳамкории Шанхай 25-умин солгарди таъсисашро ҷашн мегирад. Дар тӯли чоряк асри ташаккул ва рушд созмон ба майдони самарбахши таҳияи равишҳои муштарак ҷиҳати таъмини амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст.

Ӯзбекистон ба сифати яке аз кишварҳои муассиси Созмони ҳамкории Шанхай ба таҳкими минбаъдаи нақши он ҳамчун платформаи нодири бисёрҷониба, ки давлатҳои узвро ба хотири ҳифзи субот ва таъмини рушди фарогир муттаҳид месозад, инчунин тавсеаи фаъолияти созмон аҳамияти вижа медиҳад.

Меҳмонони азиз!

Дар шароити кунунӣ пурзӯр гардидани танишҳои геосиёсӣ, амиқтар шудани ихтилофҳо ва авҷ гирифтани низоъҳои мусаллаҳона, мутаассифона, хусусиятҳои асосии вазъи ҷаҳон боқӣ мемонанд.

Масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ, ҳифзи инфрасохтори муҳим ва устувории давлат дар баробари шаклҳои нави таъсиррасонии харобиовар аҳамияти рӯзафзун пайдо мекунанд.

Имрӯз мо шоҳиди дигаргуниҳои амиқ дар моҳияти худи таҳдидҳои фаромиллӣ мебошем.

Рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва воситаҳои иртиботи ҷаҳонӣ на танҳо имкониятҳои васеъро барои пешрафт фароҳам месозанд, балки мушкилоти комилан навро низ ба миён меоранд.

Бидуни муболиға метавон гуфт, ки фазои киберӣ ба майдони асосии бархӯрдҳо табдил ёфтааст, ки дар он якҷо бо усулҳои анъанавӣ, ҳамлаҳои шабакавӣ низ анҷом ёфта, воситаҳое чун идора кардани афкори ҷомеа ва паҳнсозии ахбори бардурӯғ торафт фаъолона истифода мешаванд.

Истифодаи муҳити рақамӣ аз ҷониби созмонҳои террористӣ боиси нигаронии ҷиддӣ мегардад. Платформаҳои интернетӣ ба воситаи тарғиби ғояҳои радикалӣ, ҷалби ҷонибдорони нав, ҷамъоварии маблағҳои молиявӣ, инчунин, ташаккули иттиҳодияҳои экстремистие табдил меёбанд, ки марзҳои давлатиро эътироф намекунанд.

Дар чунин шароит, бахусус ҷавонон қишри осебпазиртарини аҳолӣ боқӣ мемонанд. Нерӯҳои вайронкор ба шуури ҷавонон ҳадафмандона таъсир расонида, онҳоро ба дастаҳои худ ҷалб мекунанд, аз ихтилофоти иҷтимоӣ сӯиистифода менамоянд ва ғояҳои таҳаммулнопазириро паҳн месозанд.

Чунин равандҳо метавонанд ба ҳамзистии осоиштаи байни миллатҳо ва динҳо халал расонида, вазъи иҷтимоию сиёсиро ноором намоянд.

Аз ин рӯ, на танҳо вокуниши саривақтӣ ба низоъҳои рухдиҳанда, балки пешгирии хавфу хатарҳо – ошкор намудани онҳо, таҳкими иқтидори миллӣ бобати мубодилаи мутақобилаи иттилоот, таъмини амният ва таҳияи равишҳои ҳамоҳангшудаи муштарак низ зарур аст.

Бовар дорам, ки ягон давлат наметавонад ба таҳдидҳое, ки марз намешиносанд, танҳо ва ба таври комил муқовимат кунад. Ин ҳолат ба таври табиӣ талабот ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, эътимоди байниҳамдигарӣ ва роҳандозии механизмҳои амалии фаъолияти муштаракро боз ҳам тақвият мебахшад.

Дӯстони азиз!

Дар ин соли барои созмон муҳим ва хотирмон ба шумо муроҷиат намуда, мехоҳам таъкид намоям, ки қобилияти СҲШ барои вокуниши саривақтӣ ба таҳдидҳои нав ва иштироки муассир дар ташаккули ҷаҳони боз ҳам устувор аз бисёр ҷиҳат ба ҳамкории наздики хадамоти махсус вобаста мебошад.

Бовар дорам, ки мулоқоти имрӯза ба шумо на танҳо барои баррасии ҳамаҷонибаи таҳдид ва хавфу хатарҳои мубрами рӯз, балки ҷиҳати муайян кардани самтҳои амалии ҳамкорӣ, ки ба таъмини амнияти халқҳоямон ва рушди устувори давлатҳоямон нигаронида шудаанд, имкон медиҳад.

Ба ҳамаи иштирокдорони форум фаъолияти пурсамар ва анҷоми мулоқоти пурмазмунро дар Ӯзбекистон таманно дорам.

Шавкат МИРЗИЁЕВ,
Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Фармоиши Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ОМОДАГӢ ВА БАРГУЗОРИИ ҶАШНИ РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

Бо мақсади дар сатҳи баланд ва ба таври шоиста истиқбол гирифтану таҷлил намудани 34-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муттаҳид сохтани шаҳрвандон дар атрофи ғояҳои наҷибе, ки дар он таҷассум ёфтаанд, инчунин самаранок ба роҳ мондани чорабиниҳои ташкилию амалӣ ва маърифатию маънавӣ, ки ғояи асосии **«Конститутсия – таҳкурсии зиндагии озод ва ояндаи наве, ки қадру қимати инсонро арҷ мегузорад»** дар худ таҷассум менамоянд, қарор мекунам:

1. Инҳо тасдиқ карда шаванд:

а) **Барномаи омодагӣ ва баргузории чорабиниҳои идона бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон** (минбаъд – Барнома), тибқи замимаи №1;

б) ҳайати **Кумитаи тадорукот** оид ба омодагӣ ва баргузории таҷлили Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд – Кумитаи тадорукот) тибқи замимаи №2.

2. Ба Кумитаи тадорукот (А. Арипов) супориш дода шавад, ки корҳои зеринро таъмин намояд:

а) татбиқи самараноки тадбирҳои дар Барнома пешбинишуда ва дар фазои тантанавӣ таҷлил намудани ҷашни умумихалқии Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд – Конститутсия);

б) дар тамоми минтақаҳои кишвар дар сатҳи баланд баргузор намудани конфронсҳои маърифатию маънавӣ, сайрҳои идонаи мардумӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ бахшида ба Рӯзи Конститутсия бо ҷалби ходимони маъруфи илму фарҳанг ва санъат, намояндагони насли калонсолу ҷавон, инчунин варзишгарони шинохта.

3. Бо мақсади таҷлили Рӯзи Конститутсия дар маҳалҳо мутобиқ ба рӯҳияи созандагии Ӯзбекистони Нав ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад:

а) инъикоси таҷассуми ғояҳои наҷибе, ки дар Конститутсия муайян шудаанд, аз ҷумла ҳокимияти мардумӣ, **шаъну шарафи инсон, озодӣ ва баробарӣ, адолати иҷтимоӣ ва ҳамбастагӣ** дар ислоҳоте, ки дар кишвари мо амалӣ мегарданд;

б) инъикоси ҷойгоҳ ва нақши Конститутсия дар ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар соҳаҳои гуногуни **ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ** амалӣ мешаванд, инчунин дар таҳкими натиҷаҳое, ки дар ин самт ба даст меоянд;

в) шарҳу тавзеҳи моҳият ва аҳаммияти шиори ҳаётии **«Конститутсия – таҳкурсии зиндагии озод ва ояндаи наве, ки қадру қимати инсонро арҷ мегузорад»**, инчунин ба марҳилаи комилан нав ворид гардидани соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар заминаи Конститутсия;

г) ба ҷомеаи васеъ фаҳмонидани аҳаммияти Конститутсия ҳамчун заминаи устувор барои ба даст овардани комёбӣ ва натиҷаҳои нав **дар таъмини ҳимояи боэътимоди соҳибкорӣ ва моликияти хусусӣ, рушди соҳаҳои тандурустӣ, илм, фарҳанг, санъат ва варзиш;**

д) тарғиби васеи аҳаммияти ислоҳоте, ки дар самти таваҷҷуҳу ғамхории доимӣ нисбат ба намояндагони насли калонсол, занон ва ҷавонон, **ҳифзи оила, модарӣ, кӯдакӣ ва падарӣ**, инчунин таъмини **баробарии гендерӣ** амалӣ мегарданд;

ж) дар арафаи Рӯзи Конститутсия дар муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна, миёнаи махсус, касбӣ ва олӣ бо фарогирии ҳамаи хонандагону донишҷӯён баргузор намудани **дарсҳои Конститутсия**, аз ҷумла бо иштироки ҳуқуқшиносони маъруф, олимон, роҳбарон ва кормандони мақомоти судӣ, адлия ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

4. Муқаррар карда шавад, ки чорабиниҳои идонаи баргузоршаванда аз ҳисоби манбаъҳои зерин маблағгузорӣ мешаванд:

а) дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо – аз ҳисоби **манбаъҳои иловагии буҷетҳои маҳаллии** дахлдор, маблағҳои ғайрибуҷетии вазорату идораҳо ва дигар манбаъҳое, ки санадҳои қонунгузорӣ манъ накардаанд;

б) дар шаҳри Тошканд – **аз ҳисоби фондҳои захиравии Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ҳокимияти шаҳри Тошканд** ба андозаи баробар, мутобиқи сметаи хароҷоте, ки аз ҷониби Кумитаи тадорукот тасдиқ гардидааст.

5. Ба Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон, Агентии иттилоотии «Дунё» ва дигар воситаҳои ахбори омма тавсия дода шавад, ки корҳои ҷиҳати омодагӣ ва баргузории таҷлили Рӯзи Конститутсия иҷрошавандаро ба таври васеъ инъикос намоянд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон О.Д. Давлатов вогузор карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон
Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
6 ноябри соли 2026.

Ҷиноят ва ҷазо

ҚАТОРИ «ТИРМИЗ – ТОШКАНД»: СЕ ДУЗДӢ БО БАҲОНАИ МАСТӢ

Нимаи шаб ва субҳи барвақт, вақте мусофирон дар роҳ истироҳат мекунанд, ашёи шахсии онҳо метавонад ҳадафи дуздон қарор гирад. Чанде пеш дар вилояти Самарқанд чунин ҷиноят ошкор гардид: марде, ки бо қатори мусофирбари «Тирмиз–Тошканд» сафар мекард, дар як шаб се телефони мобилиро дуздидааст.

Тибқи санадҳои расмии ҷамъоваришуда, шаҳрванд М.Ш., соли таваллудаш 1992, зодаи ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд, қасдан ба дуздии молу мулки дигарон даст задааст. Ӯ падари се фарзанд, дар яке аз мағозаҳои либосфурӯшии шаҳри Самарқанд кор мекард. Аммо ба ҷойи меҳнати ҳалол, роҳи ғайриқонунии ба даст овардани манфиати моддиро интихоб кардааст.

Тибқи маводи парванда, 9 июни соли 2026, соати 05:20, М.Ш. аз истгоҳи роҳи оҳани Самарқанд ба қатори мусофирбари хатсайри «Тирмиз–Тошканд» савор шуда, дар кати 24-уми вагони 11 нишастааст. Бо оғози ҳаракати қатор бошад, ӯ ба амалӣ кардани нақшаи ҷиноятии худ шурӯъ кардааст.

Аввал ба вагони 4 гузашта, аз фурсати хоби мусофир Д.О. истифода бурда, телефони мобилии тамғаи «Honor X7»-ро, ки дар кати 5 нишаста буд, пинҳонӣ дуздидааст.

Сипас, ба вагони 11 баргашта, телефони «Redmi 10C»-ро, ки ба шахрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон А.А., мусофири ҷойи 49, тааллуқ дошт, низ дуздидааст.

Ӯ ба ин қаноат накарда, ба вагони 17 гузаштааст. Дар он ҷо телефони мобилии «Redmi Note 12»-ро, ки ба роҳбалади вагон М.Э. тааллуқ дошта, дар ҳуҷраи хизматии ӯ дар ҷойи кушод монда буд, гирифта, аз ҷойи ҳодиса дур шудааст.

Ҳангоми бозпурсӣ М.Ш. кӯшиш кардааст, ки кирдори худро бо баҳонаҳо сафед кунад. Ӯ изҳор доштааст, ки 8 июн аз хона баромада, рӯзи 9 июн ба муносибати зодрӯзи модараш барои ӯ тӯҳфа ҷустуҷӯ кардааст. Азбаски дар Самарқанд тӯҳфаи мувофиқ пайдо накардааст, қарор додааст ба Тошканд равад.

Ба гуфтаи ӯ, пеш аз сафар дар тарабхона ва клуби шабона миқдори зиёди машрубот истеъмол карда, баъдан дар қатор хоб рафтааст ва ҳодисаҳои баъдиро умуман дар хотир надорад.

Ӯ изҳор доштааст, ки вақте кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ӯро дар қатор бедор кардаанд, дар пахлуяш ду телефони мобилӣ будааст ва эҳтимол онҳоро дар ҳолати мастӣ надониста гирифтааст. Ҳамчунин аз ҷабрдидагон узр пурсидааст.

Аммо вақте қатор ба истгоҳи роҳи оҳани Ҷиззах наздик шудааст, ӯро аз қатор фаровардаа, ба бинои мақомоти корҳои дохилӣ бурдаанд. Ҳангоми санҷиш аз ҷайби шимаш телефони сеюми дуздидашудаи ранги сиёҳ низ пайдо шудааст.

М.Ш. дар ҷараёни тафтиш изҳор доштааст, ки телефонҳоро аз либос ё сумкаи касе нагирифтааст ва дар ҳолати мастӣ ҳатто симкортҳоро бароварда наметавонист. Ӯ аз мақомоти тафтишотӣ хоҳиш кардааст, ки гузашт кунанд.

Бо вуҷуди ин, гуноҳи ӯ бо далелҳои шайъӣ ва нишондоди шоҳидон пурра исбот шудааст.

Мувофиқи меъёрҳои амалкунандаи Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, содир намудани ҷиноят дар ҳолати мастӣ шахсро аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод намекунад. Баръакс, ин ҳолат метавонад ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо арзёбӣ шавад.

Кирдори М.Ш. тибқи моддаи 169-уми Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (дуздӣ) бандубаст шудааст. Азбаски дуздӣ такроран, яъне дар як сафар нисбат ба молу мулки чанд нафар содир шудааст, ба гунаҳкор тибқи қисми дахлдори ин модда метавонад то панҷ соли маҳрумият аз озодӣ таъин карда шавад.

Ин ҳодиса нишон медиҳад, ки хоҳиши ба даст овардани даромади осон ва муносибати бемасъулиятона ба қонун метавонад боиси аз оила ва фарзандон дур мондани падари се фарзанд барои муддати тӯлонӣ гардад.

Таҳлили ин ҳодиса нишон медиҳад, ки дуздон аксар вақт аз хастагии мусофирон, хоби сахти шабона ва беназорат мондани ашёи шахсӣ истифода мебаранд. Барои пешгирӣ аз чунин ҳолатҳо ҳангоми сафар ба қоидаҳои зерин риоя кунед:

- Телефонро беназорат нагузоред. Телефонҳои мобилиро рӯйи мизи вагон ё дар пахлуи пуркунандаи барқ гузошта, аз онҳо дур нашавед.
- Ҳушёр бошед. Ҳангоми сафар бо шахсони ношинос машрубот истеъмол накунед, зеро он диққат ва қобилияти дуруст арзёбӣ кардани вазъро суст мекунад.
- Ашёи қиматбаҳоро дар ҷойи бехатар нигоҳ доред. Пеш аз хоб ҳамён, ҳуҷҷат ва дастгоҳҳои гаронбаҳоро дар ҷайби дохилии либос ё дар сумкаи баста, дар наздикии худ ҷойгир кунед.
- Агар гум шудани ягон ашёи худро пай баред, вақти худро аз даст надода, ба роҳбалади вагон ё кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дарҳол хабар диҳед.

Дар хотир доред: эҳтиёткорӣ ва назорати ашёи шахсӣ ҳангоми сафар метавонанд пеши роҳи нияти ҷиноятқоронро гиранд. Амнияти молу мулки шумо, пеш аз ҳама, аз ҳушёрии худатон вобаста аст.

Шерзод ШОДМОНОВ,
муфаттиши гурӯҳи тафтишотии Раёсати тафтишотии Департаменти таъмини амният дар объектҳои нақлиёт ва сайёҳии ВКД Ӯзбекистон.

РОҲ РАВОНУ НАҚЛИЁТ ФАРОВОН

Дар вилояти Самарқанд ҷиҳати баланд бардоштани сифати хидматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ ба аҳолӣ, ташаккул додани низоми боиставу бехатари нақлиёт барои мусофирон, таъмини мунтазамии ҳаракат ва ба соҳа ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияи муосири рақамӣ корҳои зиёд амалӣ карда мешаванд. Имрӯзҳо нақлиёти ҷамъиятӣ на танҳо барои аҳолии шаҳр, балки барои сайёҳони маҳаллӣ ва хориҷие, ки ба Самарқанд ташриф меоранд, воситаи муҳими нақлиётӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар шаҳр ба такмил додани хидматрасонии нақлиётӣ дар асоси эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи аҳолӣ ва потенсиали туристии минтақа эътибори алоҳида дода мешавад.

Бо ин муносибат мо бо сардори Садорати нақлиёти вилояти Самарқанд Равшан ТОҶИЕВ суҳбат оростем.



– Дар асоси имконияти сайёҳии Самарқанд ва зиёд будани шумораи сайёҳоне, ки ба шаҳр ташриф меоранд, бо мақсади пешниҳод намудани хидматрасонии беҳтари нақлиётӣ барои меҳмонони хориҷӣ ва маҳаллӣ, хатсайри махсуси туристӣ ташкил карда шудааст, – гуфт Равшан Ӯткурович. – Хатсайри мазкур масканҳои машҳури таърихӣ ва зиёратгоҳҳои шаҳрро бо ҳам мепайвандад.

– Равшан Ӯткурович, боиси хушнудист, ки обидаҳои таърихӣ бо нақлиёти ҷамъиятӣ пайваст шудаанд, меҳмонону мизбонон аз хидмати беминнати нақлиёти ҷамъиятӣ сипосгузоранд.

– Ҷиҳати бо нақлиёти ҷамъиятӣ пайвастани манзилҳои сайёҳии Самарқанд низ эътибори алоҳида дода мешавад. Аксарияти хатсайри автобусҳои шаҳрӣ бо обидаҳои таърихӣ ва масканҳои сайёҳӣ пайваст карда шудаанд, ки ин ҳам ба аҳолӣ ва ҳам ба меҳмонони шаҳр имкон медиҳад, ки тавассути нақлиёти ҷамъиятӣ ба манзилҳои худ бирасанд. Аз ин нуқтаи назар, ривоҷ додани нақлиёти ҷамъиятӣ на танҳо барои баланд бардоштани самаранокии низоми нақлиёт дар шаҳри Самарқанд, балки чун яке аз омилҳои муҳимми рушди минбаъдаи инфрасохтори сайёҳӣ хидмат менамояд.

– Аҷиб, имконияти назорати ҳаракати автобусҳо чӣ хел аст?

– Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаи нақлиёт низ яке аз самтҳои муҳимми такмил додани низоми нақлиёти ҷамъиятӣ дар Самарқанд ба шумор меравад. Дар айни замон, хатсайрҳои нақлиёти ҷамъиятӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ба харитаҳои кушодаи интернетӣ бароварда шудаанд. Мусофирон метавонанд ҳаракати автобусҳоро бевосита тавассути барномаи мобилӣ, инчунин харитаҳои интернетии 2GIS ва Yandex назорат кунанд. Ин гуна имконият ба мусофир даст медиҳад, ки хатсайри лозимиро пешакӣ муайян кунад, ҳаракати тахминии автобусро назорат намояд ва вақти ба манзилрасиро ба нақша дарорад.

Дар низоми нақлиёти ҷамъиятӣ ба равандҳои рақамӣ кунонидан низ эътибори алоҳида дода мешавад. Имрӯзҳо хатсайрҳои нақлиёти ҷамъиятии шаҳр ба харитаҳои кушодаи интернетӣ бароварда шудаанд. Ин ба мусофирон имкон медиҳад, ки ҳаракати автобусҳоро дар режими ба вақти воқеӣ наздик назорат кунанд ва сафари худро пешакӣ ба нақша дароранд.

Хусусан, мусофирон метавонанд тавассути барномаи мобилии ATTO, харитаҳои интернетии 2GIS ва Yandex хатсайри лозимии худро муайян кунанд, ҳаракати автобусро назорат намоянд ва барои расидан ба манзил варианти муносибтарро интихоб кунанд. Махсусан барои сайёҳоне, ки бори аввал ба шаҳр ташриф меоранд, ин гуна имкониятҳои рақамӣ истифодаи нақлиёти ҷамъиятиро ба таври назаррас осон мегардонанд.

– Ба фикри мо хатсайрҳо дар асоси эҳтиёҷоти аҳолӣ такмил дода мешаванд.

– Самаранокии низоми нақлиёти ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, бо он муайян карда мешавад, ки он эҳтиёҷоти воқеии аҳолиро то чӣ андоза пурра фаро мегирад. Аз ин нуқтаи назар, дар давраи гузашта дар шаҳри Самарқанд ҷиҳати бехтар намудани инфрасохтори нақлиёт, васеъ кардани фарогирии хатсайрҳо ва боз ҳам пурратар таъмин намудани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба хидматрасониҳои нақлиётӣ як қатор корҳо амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла, аз 15 сентябр ба баъзе хатсайри автобусҳои шаҳри Самарқанд тағйиротҳо ворид карда шуданд. Хатсайри № М2 «Маҳаллаи Ватанпарвар – Шифохонаи ноҳияи Самарқанд» тавассути шаҳраки Гулобод то маҳаллаи «Даштиобод» дароз карда шуд.

Автобуси №М4 «Истгоҳҳои марказии Роҳи оҳан – Сиёб» тавассути кӯчаи Тирмиз то маҳаллаи «Даштиобод» ҳаракатро амалӣ менамояд. Ин хатсайр маҳаллаҳои Оқмачит, Деҳнав, Қавчинони Боло ва Ҷарқишлоқро низ фаро мегирад. Дар айни замон, ин автобусҳо ба истгоҳи Кафтархона намераванд.

Дар маркази корҳое, ки дар соҳаи нақлиёти ҷамъиятии Самарқанд амалӣ карда мешаванд, пеш аз ҳама, манфиатҳои мусофирон меистанд. Низоми пардохти электронӣ – шаффофият ва беҳбудиҳо, харитаҳои рақамӣ – иттилооти тезкор, хатсайрҳои нав ва тағйирёфта – фарогирии минтақа ва автобусҳои туристӣ имконияти беҳтар намоиш додани мероси тарихии шаҳрро таъмин мекунанд.

Имрӯз дар Самарқанд нақлиёти ҷамъиятӣ на танҳо воситаи одии аз як манзил ба манзили дигар расидан, балки ҳамчун қисми муҳимми инфрасохтори шаҳри муосир ривоҷ меёбад. Дар оянда низ корҳо ҷиҳати баланд бардоштани сифати хидматрасониҳои нақлиётӣ, васеъ намудани беҳбудиҳо барои мусофирон, боз ҳам ривоҷ додани имкониятҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ ва васеъ кардани фарогирии нақлиёти ҷамъиятӣ ба таври муносиб давом дода мешаванд. Зеро нақлиёти ҷамъиятии мусоид яке аз омилҳои муҳимест, ки беҳбудии ҳаёти шаҳрӣ, ҷозибадории сайёҳӣ ва некӯаҳволии ҳаррӯзаи аҳолиро таъмин менамояд.

Ҳамаи ин корҳое, ки дар шаҳри Самарқанд амалӣ карда мешаванд, ба як мақсад – расонидани хидматрасониҳои сифатнок, бехатар ва муосири нақлиёти ҷамъиятӣ ба аҳолӣ нигаронида шудаанд. Ҷорӣ намудани низоми пардохти электронӣ, акс ёфтани ҳаракати автобусҳо дар харитаҳои рақамӣ, ташкили хатсайри сайёҳӣ, пайваст кардани обидаҳои тарихӣ бо нақлиёти ҷамъиятӣ ва такмил додани хатсайрҳои мавҷуда дар асоси эҳтиёҷоти аҳолӣ барои ба марҳилаи нав баровардани низоми нақлиёти Самарқанд хидмат мекунанд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Сармишсой – осорхонаи таърих ва табиат

АЗ НАҚШИ НИЁГОН ТО ИМКОНИЯТҲОИ НАВИ САЙЁҲИВУ СОЛИМГАРДОНӢ

Сармишсой танҳо як дараи зебоманзари вилояти Навоӣ не, балки саҳифаи бози таърихи чандинҳазорсола аст. Нақшҳои рӯйи санг, ки аз рӯзгори ниёгони дури мо ҳикоят мекунанд, дар оғуши табиати нотакрор имрӯз ба як манбаи муҳимми таърихию фарҳангӣ табдил ёфтаанд. Таваҷҷуҳи рӯзафзуни меҳмонони дохиливу хориҷӣ ба ин гӯшаи бостонӣ имкон медиҳад мероси гаронбаҳои гузашта бо имкониятҳои муосири сайёҳӣ ва солимгардонӣ пайванд ёбад.

Сангҳое, ки аз таърих ҳикоят мекунанд

Дар доманаи ҷанубии қаторкӯҳи Қаротоғ, дар ҳудуди ноҳияи Навбаҳор дараи Сармишсой ҷойгир аст. Ин макон бо табиати дилфиреб, манзараҳои нотакрор ва пеш аз ҳама, бо осори нодири санъати қадимаи рӯйисангӣ шуҳрати хос дорад. Онро метавон осорхонаи бузурги табиии таърих номид, зеро сангҳо гӯё забон доранду аз зиндагӣ, машғулият ва ҷаҳонбинии одамони давраҳои гуногун нақл мекунанд.

Тибқи маълумоти манбаъҳои таърихию бостоншиносӣ, дар дара ва атрофи он ҳазорон нақши рӯйисангӣ – петроглифҳо ҳифз шудаанд. Бархе аз ин тасвирҳо ба давраҳои хеле қадими таърихи башар мансуб буда, аз тамаддун ва ҳунари тасвиргарии одамони пешин дарак медиҳанд. Мавҷудияти чунин осори нодир Сармишсойро ба яке аз муҳимтарин маконҳои санъати қадимаи рӯйисангии Осиёи Марказӣ табдил додааст.

Ҷолиб он аст, ки дар тасвирҳои рӯйи сангҳо на танҳо ҳайвоноти гуногун, балки саҳнаҳои шикор, чеҳраҳои инсон, воситаҳои рӯзгор ва таркибҳои гуногуни рамзӣ низ акс ёфтаанд. Тасвирҳои говмешҳои ваҳшӣ, ғурм, бузҳои кӯҳӣ, оҳу, асп, шутур ва дигар ҳайвонот ба муҳаққиқон барои бозсозии манзараи табиӣ ва зиндагии одамони қадим маълумоти арзишманд медиҳанд.

Ҳар як нақш ба пиндор як пора аз зиндагии гузашта аст. Дар замонҳое, ки воситаҳои муосири сабти маълумот набуданд, инсонҳо таҷрибаи рӯзмарра, мушоҳидаҳои табиӣ ва тасаввуроти худро рӯйи сангҳо нақш мекарданд. Аз ҳамин ҷиҳат, петроглифҳои Сармишсой танҳо намунаҳои ҳунари қадима нестанд, балки сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърих, бостоншиносӣ, фарҳанг ва ҷаҳонбинии инсон низ ба шумор мераванд.

Мероси таърихӣ ва арзиши ҷаҳонии он

Ин ёдгории нодир чун сарчашмаи омӯзиши таърихи қадимаи Осиёи Марказӣ низ мавқеи муҳим дорад. Сармишсой ба рӯйхати пешакии мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО пешниҳод шудааст. Ин мақом таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалиро ба зарурати ҳифз ва омӯзиши ҳамаҷонибаи ин ёдгории таърихӣ бештар мегардонад.

Аз ин рӯ, омӯзиши илмӣ, ҳифзи муҳити табиӣ ва пешгирии осеб дидани нақшҳо аз вазифаҳои муҳимми имрӯз ба ҳисоб мераванд.

Мутаассифона, чунин ёдгориҳо дар сурати муносибати бемасъулиятонаи инсон метавонанд осеб бинанд. Навиштани ном дар рӯйи сангҳо, кандани нақшҳои нав ё расонидани зарар ба сатҳи онҳо на танҳо ба зебоии макон, балки ба ҳифзи маълумоти бебаҳои таърихӣ таҳдид мекунад. Бинобар ин, баланд бардоштани маърифати сайёҳон, насби аломатҳои роҳнамо, ташкили ҳаракати муназзам дар ҳудуди ёдгорӣ ва риояи талаботи ҳифзи мероси фарҳангӣ аҳаммияти махсус доранд.

Табиати нотакрор – ҷозибаи дигари дара

Агар нақшҳои рӯйисангӣ қалби таърихии Сармишсой бошанд, табиати он рӯҳи зинда ва нафаси тароватбахши ин макон аст. Дараи кӯҳсор бо релефи хос, сангҳои шаклгирифта, теппаҳо ва манзараҳои кушодашудаи табиӣ диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб мекунад.

Бо фаро расидани рӯзҳои гарм гиёҳҳои кӯҳӣ сабзида, гулҳои гуногун доманакӯҳҳоро рангин месозанд. Баробари ин, ҳавои тоза, муҳити осоишта ва манзараҳои табиӣ барои истироҳат ва оромӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Гуногунии олами наботот ва ҳайвоноти минтақа низ арзиши табиатшиносии онро боло мебарад. Дар ҳуҷҷатҳои марбут ба номзадии Сармишсой ба рӯйхати пешакии ЮНЕСКО зиёда аз 650 намуди растанӣ зикр шудааст.

Имрӯз сайёҳӣ танҳо боздид аз ёдгориҳои таърихӣ нест. Бисёре аз сайёҳон мехоҳанд ҳамзамон бо таърих, табиат, фарҳанг ва тарзи зиндагии мардуми маҳал шинос шаванд. Аз ҳамин лиҳоз, Сармишсой барои рушди сайёҳии фарҳангӣ, экологӣ ва маърифатӣ имкониятҳои васеъ дорад.

Сармишсой дар меҳвари таваҷҷуҳи сайёҳон

Дар замони муосир рушди соҳаи сайёҳӣ аз роҳҳои муҳимми муаррифии имкониятҳои минтақаҳо, ҷалби сармоя ва фароҳам овардани ҷойҳои нави кор ба шумор меравад. Барои ноҳияи Навбаҳор Сармишсой метавонад дар ин самт нақши назаррас дошта бошад. Бо иштироки роҳбарияти Сарраёсати экология ва тағйирёбии иқлими вилоят, дар ҳамкорӣ бо Хадамоти иттилооти ҳокимият ва шуъбаи вилоятии Иттифоқи журналистон пресс-тур ва нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

Дар ҷараёни он оид ба фаъолияти истгоҳҳои автоматии мониторинг, доир ба корҳои анҷомдодашуда дар самти таъмини суботи экологӣ ва ҳифзи муҳити зист, рушди сайёҳӣ дар вилоят маълумот дода шуд. Иштирокдорон аз Сармишсой дидан карданд, бо осорхонаи табиии он ва имкониятҳои қабули меҳмонон ошно гардиданд.

Ташрифи намояндагони воситаҳои ахбори оммаи хориҷиву ҷумҳурӣ ва блогерон ба Сармишсой дар доираи инфотур дар роҳи муаррифии имкониятҳои ин макон қадами муҳим ба шумор меравад.

Иштирокчиёни пресстур бо нақшҳои қадимаи рӯйисангӣ, мероси ғании таърихию фарҳангӣ ва манзараҳои нотакрори табиат шинос шуда, ҳамзамон дар бораи фаъолияти маркази муосири сайёҳӣ ва солимгардонӣ, шароити барои меҳмонон фароҳамшуда ва имкониятҳои истироҳату барқарорсозии солимӣ маълумот гирифтанд. Маводи босифати расонаӣ дар бораи таърихи Сармишсой, зебоии табиат ва имкониятҳои сайёҳии он метавонад шавқи сайёҳони дохиливу хориҷиро ба боздид аз ин мавзеъ бештар кунад.

Дар ин раванд истифодаи имкониятҳои рақамӣ низ муҳим аст. Омода кардани маводи чандзабона, харитаҳои роҳнамо, маълумоти дақиқ дар бораи ёдгорӣ ва хизматрасонӣ, инчунин паҳн кардани наворҳои муаррифӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба шинохти васеътари Сармишсой мусоидат хоҳанд кард.

Албатта, таблиғ танҳо дар сурате самараи устувор медиҳад, ки ба он сифати хизматрасонӣ, роҳҳои муносиб, шароити бехатари боздид ва ҳифзи муҳити зист тавъам бошанд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

6 ноябр дар шаҳри Самарқанд нахустин муколамаи коршиносии «СҲШ плюс» оид ба масъалаҳои амният баргузор гардид. Дар чорабинӣ беш аз 180 намояндаи мақомоти махсуси кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), панҷ созмони байналмилалӣ, инчунин нозирон ва шарикони муколамаи Созмон иштирок карданд.

АМНИЯТ ДАР АСРИ РАҚАМӢ: САМАРҚАНД МАЙДОНИ МУКОЛАМАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ШУД

Мавзӯи асосии чорабинӣ «Амният дар асри дигаргуниҳои рақамӣ: муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар шароити рушди технологияҳои нав» буд. Дар маросими ифтитоҳи он котиби Шӯрои амнияти назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Виктор Маҳмудов паёми Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёевро ба иштирокдорони муколама қироат кард.

Дар идомаи ҳамоиш масъалаҳои омӯзиши таҳрибаи миллӣ, ташкили механизмҳои муассири ҳамкорӣ ва таҳияи воситаҳои самараноки мубориза бо фаъолияти террористӣ, инчунин пешгирии паҳншавии экстремизм ва радикализм дар фазои рақамӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дабири кулли СҲШ Нурлан Ермекбоев зимни суханронӣ таъкид кард, ки баргузории чунин чорабинӣ бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев роҳандозӣ гардида, ҳамкорӣ дар ин қолаб ба ташаккули шарикии фарогир ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

– Дар тӯли чоряк асри фаъолияти худ Созмон ба сохтори бонуфузи бисёрҷонибаи фаромintaқавӣ табдил ёфта, давлатҳои дорои низомҳои гуногуни сиёсӣ, анъанаҳои мухталифи фарҳангӣ ва афзалиятҳои миллиро муттаҳид кардааст. Роҳбарони давлатҳои узв Осиёи Марказиро ҳамчун меҳвари СҲШ эътироф кардаанд, – гуфт Нурлан Ермекбоев.

Ӯ ҳамчунин таъкид намуд, ки таъмини сулҳу субот ва рушди Афғонистон барои амнияти минтақавӣ аҳаммияти хос дорад. Ба ин далел, СҲШ ҷонибдори ташаккули Афғонистон ҳамчун давлати мустақил, бетараф ва сулҳдӯст, озод аз терроризм, ҷанг ва сӯиистифода аз маводи мухаддир мебошад. Созмон омодагии худро барои дастгирии талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар роҳи таъмини сулҳу субот ва рушди ин кишвар изҳор медорад.

Сипас иҷрокунандаи вазифаи муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, роҳбари Дафтари СММ оид ба мубориза бо терроризм Александр Зуев суханронӣ карда, зикр намуд, ки аҳаммияти ин чорабинӣ на танҳо дар табодули таҷриба ва арзёбии таҳдидҳои нав, балки дар муайян намудани самтҳои ҳамкориҳои амалӣ низ ифода меёбад. Ин ҳамкориҳо ба таҳкими иқтидори миллӣ ва ташаккули шабакаҳои устувори касбӣ мусоидат мекунанд.

Ба гуфтаи ӯ, пайвастагии рӯзафзуни терроризм бо ҷиноятҳои кибернӣ ва гардишҳои ғайриқонунии молиявӣ ошкор ва пешгирӣ намудани фаъолияти террористиро боз ҳам мушкилтар мегардонад. Мушкилоти асосии мутахассисони соҳаи амният на танҳо мутобиқ шудан ба тағйироти босуръат, балки сари вақт муайян намудани таҳдидҳо, таъмини ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот миёни ниҳодҳо ва дар ҳудуди кишварҳои гуногун, инчунин ба иқдомҳои фаврӣ табдил додани натиҷаҳои таҳлил мебошад.

Дар фарҷоми муколамаи Самарқанд роҳбарони ҳайатҳо Изҳороти муштарак қабул карданд. Дар он, аз ҷумла, анҷом додани таҳқиқот оид ба таъсири технологияҳои нав ба таҳдидҳои террористӣ, таҳияи гузоришҳо дар бораи таҷрибаҳои муассири пешгирикунанда, инчунин баргузории семинарҳои мавзӯӣ ва татбиқи барномаҳои такмили ихтисос пешниҳод гардидааст.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».

8 ноябр – Рӯзи ходимони тиббӣ ва дорусозӣ

«ИМКОН» – БОВАР БА СИҲҲАТЁБИИ КЎДАКОНИ МАЪЛЎЛ

Таваллуди атфоли маъюб, бешубҳа ҳолати ғамангез аст. Ба мақсади дастгирии чунин кӯдакон ва наздикони онҳо дар ноҳияи Самарқанд маркази махсуси замонавии таълими томактабии бисёрсоҳавӣ бо шуъбаи тавонбахшии «IMKON» ба фаъолият оғоз кард. Ин панҷумин чунин марказ дар Ӯзбекистон мебошад. Кори асосии марказ муттаҳид намудани таҳсилоти томактабӣ, тавонбахшии тиббӣ ва кӯмаки коррексионию педагогӣ дар низоми ягонаи дастгирии кӯдакони маъюб мебошад. Бо супориши идораи рӯзнома мо дар арафаи Рӯзи ходимони тиб аз маҷмааи «IMKON» боздид кардем.



Солҳои охир таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев ба рушди ҳифзи иҷтимоӣ, таҳсилоти фарогир (инклюзив) ва тавонбахшии дастрас таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Яке аз намунаҳои дурахшони сиёсати пайвастаи давлатӣ дар ин самт таъсис додани шабакаи марказҳои IMKON гардид.

Маркази аввалин соли 2019 дар Нуқус кушода шуда буд. Баъдан чунин муассисаҳо дар Қибрай, Қаршӣ, Зарафшон ва Самарқанд зуҳур карданд. Имрӯз панҷ марказ, ки дар маҷмӯъ барои 690 кӯдак пешбинӣ шудаанд ва дар асоси модели ягона, амал мекунанд, мавҷуданд.

Ифтитоҳи маркази «IMKON» дар Самарқанд боз як қадами муҳим дар рушди низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва кумаки тавонбахшӣ гардид. Ташкили муассисаҳои мазкур муносибати куллиро ба дастгирии кӯдакони маъюб инъикос мекунад. Дар маркази таваҷҷӯҳ на фақат ниёзҳои тиббии кӯдак, балки ҳуқуқи ӯ ба таҳсил, рушд, муошират ва иштироки комилаш дар ҳаёти ҷомеа қарор дорад.

Дар кишвар низоме ташаккул меёбад, ки дар он бо технологияҳои муосири тавонбахшӣ барои оилаҳои дорои кӯдакони ниёзманд нигоҳубини махсус имконпазир мегардад. Ба хайрияи ҳақиқӣ ҳамеша одамон бо хоҳиши худ ва бо амри дилу ҷон машғул мешаванд, ки кори начиб аст. Ин фидокории комил, дилсӯзӣ ва меҳрубониро тақозо мекунад.

Тавре маълум аст, чанде пеш дар Самарқанд Ҳамоиши ҷаҳонии некӯаҳволии кӯдакон таҳти унвони «Сармоягузорӣ ба некӯаҳволии кӯдакон: дар роҳи рушди устувор ва одилона барои насли оянда» баргузор гардида буд. Дар доираи он маҷмааи «IMKON» дар маҳаллаи Хоҷа Аҳрори ноҳияи Самарқанд кушода шуд.

Афзалияти асосии «IMKON» он аст, ки кӯдак барои гирифтани кумакҳои зарурӣ ба чандин муассиса намеравад. Таҳсилоти томактабӣ, тавонбахшии тиббӣ, машғулият бо логопед, дефектолог, равоншиносон ва дигар мутахассисон дар як ҷо ташкил карда шудаанд. Маркази Самарқанд муассисаи таҳсилоти томактабиро барои 150 кӯдак ва бахши тавонбахширо, ки барои хидмати ҳамаруза ба 100 кӯдак пешбинӣ шудааст, дарбар мегирад.

Дар шуъбаи томактабӣ барои 10 гурӯҳ низоми будубоши соатбайъ ва шабонарӯзӣ фароҳам оварда шудааст. Тарбиягирандагон на танҳо таҳсилоти томактабӣ мегиранд, балки мувофиқи барномаҳои инфиродӣ аз чорабиниҳои тавонбахшӣ низ мегузаранд. Ин равиш имкон медиҳад, ки таълим, рушди малакаҳои ҳаракат ва нутқ, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва назорати тиббӣ тавъам бо ҳам идома ёбанд. Дар шуъбаи тавонбахшӣ кӯдакони аз 2 то 18-сола метавонанд кумаки маҷмӯӣ гиранд.

Ҳангоми қабули кӯдак, мутахассисон ҳолат, имконият ва ниёзҳои ӯро арзёбӣ мекунанд. Дар асоси ин ташхис, барномаи инфиродии тавонбахшии кӯдак тартиб дода шуда, расмиёти зарурӣ ва ҷадвали машғулиятҳо муайян карда мешаванд.

Раванди муҳимтарини кори марказ – иштироки дастаи мултидисиплинарӣ (чандинсоҳавӣ) мебошад. Пизишкон, омӯзгорон, равоншиносон, тавонбахшон (реабилитологҳо), дастурдиҳандагони варзиши шифоӣ, ҳамшираҳои шафқат ва дигар мутахассисон барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда якҷо кор мебаранд. Тамоми хидматрасониҳои таълимӣ ва тавонбахшӣ ба кӯдакон ройгон мебошанд.

– Вазифаи асосии мутахассисони «IMKON» – бовар ба тавоноии ҳар як кӯдак ва кӯшиш барои фароҳам овардани шароите мебошад, ки ин қобилиятҳо ошкор гарданд, – гуфт директори он Нигина Муродова. – Аз ҷумла, барои як кӯдак, агар аввалин қадами мустақилона муваффақияти бузург маҳсуб шавад, барои кӯдаки дигар, наҳустин ҳарф, тавоноии нигоҳ доштани мантиқ, мустақилона либос пӯшидан ё муошират бо ҳамсолон аст. Маҳз чунин дастовардҳо заминаи рушди минбаъда ва баланд бардоштани сифати ҳаёти тарбиягирандагони мо мегарданд. Барои рушди нутқ, тафаккур, диққат, хотира ва малакаҳои муошират бошад, ҳуҷраҳои дефектолог, логопед ва равоншиносон, инчунин ҳуҷраи сенсорӣ ва ғайраҳо пешбинӣ шудаанд.

– Нигина Шукуровна, тавре мушоҳида кардем, меҳмонони хориҷӣ аз шароити муҳайёшуда барои хидматрасонии бомуваффақияти тавонбахшӣ дар ҳайрат мондаанд.

– Ин ба мо низ кайфияти хуш бахшид ва ҳам боиси ифтихор аз сарпарастони мо гардид, ки барои тарбиягирандагонамон чунин ғамхорӣ зоҳир кардаанд.

Дар марказ толори варзиши шифоӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Он бо тренажёрҳои муосири тавонбахшӣ ва таҷҳизоти ёрирасон муҷаҳҳаз шудааст.

Ин таҷҳизот имкон медиҳанд, кӯдакон мувофиқи имкониятҳои инфиродии худ малакаҳои ҳаракатро рушд диҳанд, мушакҳоро мустаҳкам кунанд, ҳамоҳангии ҳаракатро беҳтар созанд, мустақилона нишастан, рост истодан ва роҳ рафтанро омӯзанд.

Дар марказ инчунин ҳавзи тавонбахшӣ фаъолият мекунад, ки бо курсии махсус барои кӯдакони дорои ҳаракаташон маҳдуд муҷаҳҳаз шудааст. Машғулиятҳо дар об ба таври инфиродӣ ва таҳти назорати мутахассисон гузаронида мешаванд.

Барои рушди нутқ, тафаккур, диққат, хотира ва малакаҳои муошират ҳуҷраҳои дефектолог, логопед ва равоншиносон, ҳуҷраи сенсорӣ ва ҳуҷраи интегратсияи сенсорӣ пешбинӣ гардидаанд.

– Тавре ба мо гуфтанд, маркази Самарқанд бояд на танҳо ҷойи расонидани хидматрасониҳои таълимӣ ва тавонбахшӣ бошад, балки боз як майдони муҳими ҳамкориҳои касбӣ гардад...

– Оре, зеро дар ин ҷо барои баргузории семинарҳо, мулоқоти услубӣ, омӯзиши мутахассисон ва табодули таҷриба бо намояндагони муассисаҳои соҳавии дигар минтақаҳои на танҳо Ӯзбекистон, балки кишварҳои Осиёи Марказӣ низ шароити зарурӣ муҳайё карда шудааст.

Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ аллакай бо ҳамкасбони озарбойҷонӣ аз марказҳои DOST дар самти рушди фаъолияти волонтёрӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст. Дар воқеъ, ба дастгирии равонии волидайн ва кормандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Зеро тавонбахшии комили кӯдак бидуни иштироки оила имконнопазир аст, кумаки касбӣ бошад, ба калонсолон бобати фароҳам овардани муҳити мусоид ба рушди ӯ мусоидат мекунад. Ҳудуди марказ низ ба ниёзҳои кӯдакон мутобиқ карда шудааст. Дар ин ҷо майдончаҳои бозӣ, айвонҳо барои истироҳат ва машғулият дар ҳавои кушод, инчунин арғунчакҳои махсус барои кӯдакони дорои нуқсонҳои ҳаракат сохта шудаанд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
мухбири «Овози точик»
дар вилояти Самарқанд.

ДАҲ ПАНДИ ГИППОКРАТ

Шифокори Юнони қадим – Гиппократ асосгузори илми тибби кунунӣ шумурда мешавад. Ӯ тасаввури мардумро нисбати тиббиёти Юнони замони худ дигаргун кардааст. Он замон ҳама ақида доштанд, ки бемориҳо аз тариқи машрубот ва ё бо хости Худо ба миён меоянд. Исбот намуд, ки сабаби пайдо шудани беморӣ бештар бо шароити табиӣ вобаста аст. Вай тиббиётро ҳамчун фанни алоҳида аз дин ҷудо кард. Ӯ на фақат шифокор (духтур, табиб), балки файласуф ҳам буд, онҳоро дар ниҳояти пайвастагӣ пеш мебурд. «Падари бузурги илми тиб» барои тиббиёт ду хислати асосӣ – риоя кардан ба асоси фаъолият ва ҳадди одобро муайян карда буд.

Гиппократ дар ибтидои асри V то милод таваллуд шуда, дар ҷазираи Кос зиндагӣ кардааст. Падари ин файласуфи бузурги Гераклид низ табиби машҳур буд. Бобояш ҳам бо тиббиёт сару кор дошт. Гиппократ асосҳои илми тибро дар ибодатгоҳи маҳаллӣ, ки ба шарафи Худои тиббиёт Асклепий бунёд гардида буд, омӯхт. Ӯ дар ҷавонӣ асосан аз файласуфҳои маъруфи давр – Демокрит ва Георгий таълим гирифтааст.

Дар Юнони қадим ақида доштанд, ки бемориҳо дар натиҷаи сеҳру ҷоду ва ё назари бад кардани рӯҳу арвоҳ ба вуҷуд меоянд. Гиппократ бошад, оид ба пайдоиши бемориҳо ақидаи дигар дошт. Ӯ ба тиббиёт бо такя ба илм рафтор кард. Ба илми тиб асос гузошт. Вай куллан қобили қабул набудани бисёр назарияҳои пешинаро собит кард, дар ин бобат бисёр асарҳои илмӣ навишта, дар онҳо аз таҷрибаҳои ҳаётии худ мисолҳо оварда. Дар асарҳои Гиппократ мулоҳизаҳо мантиқан дуруст буда, онҳо бо далелҳо дар асоси таҷрибаҳои шахсиаш баён шудаанд. Ҷолиб он аст, ки бисёр мулоҳизаҳои вай минбаъд тасдиқ шудаанд.

Асарҳои илмии ӯ зиёд буда, онҳо асосан мавзӯъҳои мизоҷи инсон, зинаҳои беморӣ, усулҳои нави тадқиқот, истифодаи асбобҳои техникӣ дар амалиёти ҷарроҳӣ, тартиботи парҳезиро фаро гирифтаанд.

Гиппократ танҳо дар ривоҷи илми тиб не, балки дар пешбурди соҳаҳои дигари илм низ саҳми арзанда гузоштааст. Вай, аз ҷумла, қоидаи ахлоқро ба вуҷуд овард, ки он дар тиббиёти замонавӣ то ҳол истифода мешавад. Шифокори машҳур ба ҳамкорони худ тавсия кард, ки бо суиистеъмоли доруҳо маҳдуд нашуда, ба табиат ҳам бовар кунанд. Гиппократ дар замони худ беш аз 300 навъи доруро ихтироъ карда буд. Баъзе ихтирои ӯ, аз қабили «маҳлули кӯкнор», асал, широб ва ғайра имрӯз низ истифода мешаванд. Мавриди зикр аст, ки ӯ роҳҳои ба дандони дарзёфта хамира мондан, рост кардан ва табобат намудани устухонҳои качу шикастаро медонист. Дар ҷараёни табобат на танҳо ба аъзои бадани мизоҷи худ, балки ба руҳияти ӯ низ эътибор медод. Вай ба мушоҳида мегирифт, ки бемор то чӣ андоза тоқатовар аст, зарурати хидмати шифокорро ба ҳолати худидоракунии бемор вобаста меҳисобид.

САВГАНДИ ГИППОКРАТ

Шифокори бузург дар таърих ҳамчун муаллифи «савганди шифокор», ки онро духтурони ҷавон қабул мекунанд, зикр шудааст. Матни савганд дар давоми садсолаҳо чандин бор дигар шуда бошад ҳам, талаботи асосии он боқӣ мондааст. Гиппократ таъкид мекунад, ки шифокорон бояд инсонпарвар ва раҳмдил бошанд, ба бемори корафтода бо хислатҳои неки одамӣ муомила намоянд. Олим дар савганди худ фармудааст, ки шифокор бояд ба ҳар як корафтода ёрӣ расонад ва аз вай миннатдорӣ талаб накунад, инчунин бояд ба тартиботи «Фиреб макун» амал намояд. Ҷолиби диққат аст, ки олим аборт (искот) накардан, барои рад кардани қабули беморони вазнин бо муомилаи хуш саволу ҷавоб карданро маслиҳат медиҳад. Ин донишманди Юнони қадим махфӣ доштани асрори бемор ва мушоҳидакор буданро тавсия медиҳад. Ин тартибот дар табобати замонавӣ низ истифода мешавад.

ДАЛЕЛҲОИ АҶИБ

Гиппократ дар таърих нахустин шифокор буд, ки варами омос (рак, саратон)-ро муайян кард. Вай онро «харчанг» номидааст, зеро ин омос зоҳиран ба панҷаҳои ин ҷонвар монандӣ дошта, ҳама ҷонибро мисли амбӯр, гӯё мегазад.

Ба шарафи ин табиби афсонавии Юнони қадим ба яке аз нӯшокиҳо Гипокрас ном додаанд. Дар тарафи муқобили Моҳ яке аз кратерҳо номи ӯро дорад.

Бисёр афсонаҳо бо номи Гиппократ алоқаманданд. Дар яке аз онҳо гуфта мешавад, ки ба донишманди бузург дар замони ҳукмронии Ахеменидҳо вазифаеро дар дарбори Артаксерк пешниҳод мекунанд. Лекин ӯ онро рад мекунад.

Дар афсонаи дигар омадааст, ки рӯзе сокинони Абдер Гиппократро барои муолиҷаи файласуф Демокрит даъват мекунанд. Вай ӯро бо ханда ва овози баланди истеҳзоомезона метарсонад. Баъди вохӯрӣ бо файласуф Гиппократ муайян мекунад, ки Демокрит ноқисулақл не, балки аз донишмандони бузурги даврони худ аст.

САҲМИ ГИППОКРАТ ДАР ТИББИЁТ

Таҳияи рӯйхати ба хелҳо ҷудо кардани бемориҳо ва ба тартиб даровардани онҳо;

ҷорӣ кардани одоби касбӣ дар тиббиёт;

муайян намудани робитаи муҳит бо сиҳатии инсон;

инкишофи услуби клиникӣ.

ДАҲ ПАНДИ ГИППОКРАТ

1. На танҳо ба муолиҷаи бемор, балки ба муқобили ҷараёни пайдоиши беморӣ низ мубориза бурдан лозим аст.
2. Беморӣ ҳамеша ё аз пурхӯрӣ (дорӯ) ва ё аз камхурӣ (нодорӣ), яъне аз вайрон шудани мувозинат пайдо мешавад.
3. Беморӣ натиҷаи мунтазам вайрон шудани қонунҳои табиат аст.
4. Тиббиёт санъатест, ки ба ҷараёни ҳаракати табиат тақлид менамояд.
5. Беморро табиб даво мекунад, вале табиат шифо мебахшад.
6. Табиб бояд ба табиати бадани инсон барои мубориза бо беморӣ ёрӣ расонад.
7. Бояд ҳама чизеро, ки тоза будаанашон шарт аст, ҳамеша тоза кард.
8. Агар организм тоза набошад, ҳама навъи ғизо зарар меоварад.
9. Вазифаи нахустини шифокор ғамхорӣ нисбати сиҳатии инсони солим аст.
10. Шифокор, агар ёрӣ расонда наметавонад, бояд ақаллан зарар нарасонад.

МИЗОНИ ГИППОКРАТ:

– зарар наовар;
– накӯкор бош;
– мизоҷро эҳтиром кун;
– мулоҳизакор бош;
– омӯз ва омӯзон;
– мизони одобро нигоҳ дор.

Гимнастика, тарбияи бадан, пиёдагардӣ бояд мизони ҳаёти ҳамарӯзаи ҳар инсоне бошад, ки солим, коршоям ва дар зиндагӣ хушбахт будан мехоҳад.

Таҳияи
Аслиддин ҚАМАРЗОДА.



МОҲИ САЙЁҲӢ БАРОИ КУҲАНСОЛОН

Дар кишвари мо ба посдошти шаъну шарафи инсон, эҳтиром нисбати пирон ва тарбияи насли ҷавон аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад.
Ин ҳама аз ҷумлаи арзишҳои миллии мост.
Дар стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав дастгирии аҳолӣ, бартараф намудани камбизоатӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ буда, бар раванди адолати иҷтимоӣ асос ёфтааст.
Аз ҷумла, дар ҳафтаи якуми моҳи октябр гузарондани «Ҳафтаи куҳансолон» ва дар ноябр – «Моҳи сайёҳӣ барои куҳансолон» ба анъанаи нек табдил ёфтааст.
Вобаста ба корҳое, ки дар вилояти Намангон дар ин самт анҷом дода шудаанд, муовини шӯрои «Нуроний»-и вилоят Абдурашид БОЛТАБОЕВ чунин гуфт.

– Роҳбари давлат ба намояндагони насли калонсол низ мунтазам таваҷҷӯҳ доранд. 26 декабри соли 2016 яке аз нахустин Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи хидматрасонии иҷтимоӣ ба пирон, маъюбон ва дигар табақаҳои ниёзманди аҳолӣ» ба имзо расида буд ва инак 10 сол боз чунин қарор ва фармонҳое, ки ба афзоиши ғамхорӣ ва таваҷҷуҳ нисбати пирон нигаронида шудаанд, қабул ва амалӣ мешаванд, – гуфт мусоҳибам. Ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи доимӣ вобаста ба намояндагони насли калонсол барои ҷавонон низ як мактаби бузурги омӯзиш ва тарбия мебошад.

Хушбахтона, пирон имрӯз ҳам дар ҳаёти иҷтимоӣ фаъоланд ва тарбияи ҳаётии онҳо дар тарбияи ҷавонон - нақши муҳим мебозад.

Бо мақсади дастгирӣ ва ташкили истироҳати пурмазмуни эшон дар доираи «Моҳи сайёҳӣ барои куҳансолон», ҳамчунин як қатор барномаҳои давлатӣ сафарҳо ташкил карда мешаванд.

Аз ҷумла, соли гузашта дар доираи ин моҳи сайёҳӣ зиёда аз 39 ҳазор ба ҷойҳои тамошобоби гӯшаҳои ҷумҳурӣ ва дар доираи сайёҳии дохилӣ ба саёҳат баромаданд. Дар ин моҳ 1609 нафар осорхона ва 692 нафар театр ва қасрҳои фарҳангиро тамошо карданд. Онҳо бо корхонаҳои бузург, иншооти истеҳсолӣ, марказҳои хидматрасонӣ, иншооти фарҳангӣ ва варзишӣ, ки тӯли 10 соли охир дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ сохта, ба истифода дода шудаанд, шинос гардиданд.

Соли ҷорӣ низ барои бомуваффақият гузаронидани ин моҳ як қатор барномаҳо ба нақша гирифта шудаанд.

Чунончӣ, ташкили сафарҳо ба Маркази тамаддуни исломӣ, Маҷмааи Имом Бухорӣ, Маркази байналмилалии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» дар Самарқанд, инчунин саёҳат ба осорхона, зиёратгоҳ ва мавзеъҳои муқаддаси минтақаамон ба нақша гирифта шудааст. Ба пироне, ки дар марказҳои дастгирии иҷтимоӣ ва «Хонаи меҳрубонӣ» зиндагӣ мекунанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, ба роҳ мондани барномаҳои фарҳангӣ, саёҳат ба осорхона ва зиёратгоҳҳои минтақа пешбинӣ гардидааст.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози точик»
дар вилояти Намангон.

ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Ҳангоми дарди зону

Як каф испандро дар 400 миллиграмм об 5 дақиқа дар оташи паст мечӯшонанд. Ба ин ҷӯшоб дар давоми 10 рӯз матоъ ё пахтаро тар карда, ба ҷойи дарднок мегузоранд. Ин барои дарди сахту шадиди зону ва устухонҳо фоида мекунад.

Ҳангоми хор халидан

Ӯсмаро бо хокаи мастак (гиёҳи заҳрнок) омехта, ба ҷойи хордаромада моланд, хорро берун мебарорад.

Ҳангоми рост истода нафас кашида тавонистан

Агар кокути (кийикӯти)-ро дар об ҷӯшонида, онро нӯшанд, нафаскашӣ осон мегардад. Он ба бемороне, ки ҳангоми хобидан ё дароз кашидан ба нафаскашӣ душворӣ мекашанд ва танҳо дар ҳолати рост нишаста ё истода, бо сари баланд нафас мегиранд, шифо мебахшад.

Ҳангоми гирифтани забон

10 қатра оби тару тозаи ӯсмаро ба як пиёла оби ҷӯшонида илова мекунанд ва онро ду маҳал – субҳу шом, пеш аз хӯрок менӯшанд. Ин барои пешгирии чарх задани сар, гирифтани забон, ғафсшавии хун ва баланд шудани фишори хун муфид аст.

Ҳангоми карахт шудани забон

Ҳангоми беморие қанд, ташнагӣ ва карахтшавии забон, ба ғизоҳои моеъ хурфа (семизӯт) илова карда, истеъмол намоед.

Ҳангоми ноҳамвор шудани нохун

Барои ин, пеш аз ҳама, нохунҳоро 10–15 дақиқа дар оби гарм нигоҳ медоранд. Баъд марҳами пешакӣ омодашударо мемоланд. Барои тайёр кардани марҳам пиёз, сирпиёз, сабр (алоэ), равғани зард ва муми занбӯри асал лозим аст. Аз ҳар як маҳсулот 1 қошуқӣ гирифта, хуб омехта мекунанд ва 25 дақиқа дар оташи паст мечӯшонанд. Вақте марҳам ҳарорати хонаро мегирад, онро ғафстар ба нохунҳо мемоланд ва аз болояш барги карам печонида, бо дока мебанданд. Нохун бояд тӯли шаб дар ҳамин ҳолат нигоҳ дошта шавад. Субҳ марҳамро бо оби ширгарм шуста, нохунҳои мулоимшударо гирифтан мумкин аст.

Барои мулоим кардани нохун

Як барги миёнаҳаҷми сабр (алоэ)-ро гирифта, хорҳояшро тоза ва баъд майда мекунед. Баъд ба он 23–25 қатра оби ҷӯши сардшуда илова карда, омехта менамоед. Марҳами ҳосилшударо бо пахта ба рӯйи нохунҳо мемолед ва бо халтаи полиэтиленӣ мепечонед. Пеш аз хоб анҷом додани ин муолиҷа хубтар аст. То саҳар нохунҳо мулоим мешаванд.

Барои саломатии нохун

Намак ва йод асоси саломатӣ ва намуди зебои нохунҳо мебошанд. Ба як истикон об як қошуқ намак ва чанд қатра йод илова карда, омехта кунед. Пахтаро ба ин маҳлул тар карда, нохунҳои худро пок кунед. Ҳар рӯз анҷом додани ин муолиҷа, аз қабат-қабат ҷудо шудани нохунҳо пешгирӣ мекунад.

Барои бартараф кардани шиканандагии нохун

Онҳоро бояд мунтазам бо равған ва крем ғизо дод. Дар байни онҳо равғани зайтун марҳами аз ҳама босамар ба ҳисоб меравад.


(Давом дорад).

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА,**
А. РӮЗИМАТОВ.

Ба муносибати 80-умин солгарди зодрӯзи композитор ва оҳангсоз Мустафо Бафоев

СИТОРАИ ТОБОНИ ОСМОНИ ҲУНАР

ё пайвандгари ҳунари навозандагии Шарқу Ғарб



Рӯзгори дур аз фарҳангу маърифат, меҳнати тоқатфарсои ҷисмонӣ дағаливу содагии ҷаҳонбинии музофотиро дар бар дорад... Вуруд ба фазои зеҳнии ҷаҳони ҳунар аз аъмоқи дил ҳасрату таассуфро нисбат ба маҳдудияти чунин рӯзгор бедор мекунад.

Ин ҳақиқатро дар тӯли умр Арбоби шоистаи санъати Ӯзбекистон, барандаи Ҷоизаи давлатӣ, профессори кафедраи композитсия ва аранжировкаи Консерваторияи давлатии Ёзбекистон, муаллифи асарҳои сершумор дар жанрҳои гуногуни мусиқӣ Мустафо Бафоев таҷриба кардааст.

10-уми ноябри соли 1946, вақте тирамоҳи заррин баргҳои тиллоияшро дар партави хуршед ба намоиш гузошта буд, дар оилаи сокинони деҳаи Ганҷкаши ноҳияи Когони вилояти Бухоро – амаки Бафо ва холаи Зулфия нахустфарзанде ба дунё омад, ки бо орзуҳои ширин ба ӯ номи Мустафоро доданд.

Мустафо мактаби таҳсилоти ҳамагониро то синфи 5 ба забони тоҷикӣ хонд. Баъдан таълим ба забони ӯзбекӣ идома ёфт... Падар сарҳисобдори хоҷагӣ буд. Кадбонуи хона – модари меҳрофарин бори тарбияи фарзандонро бар дӯш дошт. Сарфи назар аз якнавохтии рӯзгори деҳот, падару модар сурудхониро дӯст медоштанд. Бахусус, сурудҳои тоҷикии модар дар худ ҷозибае доштанд. Мустафои наврас низ дар деҳа ҳамчун овозхони ҷавон ном бароварда буд ва дар тӯю сурҳои маҳаллӣ таронаҳои асили бухороиро бо маҳорати ба худ хос иҷро мекард. Муҳаббат ба таронаҳои мардумиро то охири умр ҳифз кард ва ба тору пуди эҷодиёташ ҷой гирифт.

Падар орзу дошт, ки писараш, баъд аз хатми донишкадаи кишоварзӣ агроном шавад. Аммо Мустафо ҳанӯз дар синфҳои болоии мактаб ба санъат шавқу рағбати афзояндаро эҳсос мекард. Ба назараш чунин мерасид, ки дар шивири борон, хониши рӯд, шилдироси чашмасорон, хониши мурғони баҳор мусиқии нотакроре нуҳуфтааст. Аз вазну оҳанг ва қофияи шеър хушаш меомад.

Чӣ паёмади нек дорад, агар бузургсолон дар муҳити оила истеъдоди фарзандонро дарк намуда, дар роҳи пиёда шудани орзуҳояшон ба онҳо дасти мадад дароз кунанд. Оҳангсоз имрӯз бо шукргузорӣ аз амакаш ёд мекунад, ки дар мавриди ҳуҷҷатсупорӣ ба омӯзишгоҳи мусиқии Бухоро роҳбаладаш буд. Дар ин муассиса Мустафо ба ихтисоси ғиҷҷакнавозӣ қабул шуд.

Ҷавони донишманд ва устухонаш бо меҳнат сахтшуда дар тӯли таҳсил шабҳои зиёдро бо омӯхтани асрори навохтани ғиҷҷак ва фортепиано мебахшид.

Баъд аз хатми омӯзишгоҳи мусиқии Бухоро Мустафо Бафоев соли 1964 ба Консерваторияи давлатии Тошканд дохил мешавад ва ӯ дар тӯли панҷ соли таҳсил аз устодони барҷаста, аз ҷумла, дотсенти кафедраи созҳои торӣ В. А. Беленкий ва гурӯҳи дирижёрии профессор М. Н. Насимов сабақ гирифт.

Бафоев пас аз хатми консерватория ба Бухоро баргашт ва дар омӯзишгоҳи мусиқӣ ва Институти педагогӣ ба кор шурӯъ кард. Вале дар тӯли фаъолият дар Бухоро дили оҳангсози ҷавонро пойтахт ба сӯйи худ мекашид. Чунин ба назараш мерасид, ки дониш ва тавону салиқаи худро дар бахши мусиқӣ ҳанӯз пурра ба амал татбиқ нанамудааст.

Ҳарчанд ӯ оиладор шуда, фарзанди нахустинашон ба дунё омада буд, ҳамсари вафодораш Дилбар Рачабова розӣ шуд, ки ӯ ба дунболи шуғли дӯстдоштааш бошад. Ва Бафоев барои такмили дониш дар бахши оҳангсозӣ (композиторӣ) бори дигар роҳи Тошкандро пеш гирифт.

Дар Консерватория ба сифати ассистент-коромӯзи факултаи композиторӣ дар гурӯҳи профессор, Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Борис Гиенко таҳсил гирифт. Хатмкардаи Консерваторияи Киев, композитор ва дирижёри нотакрор Алексей Козловский ба ӯ аранжировкаро омӯхт. Композитор аз ҳар ду устоди худ сипосгузор аст...

Ному сурати ин марди шарифи Бухорои Шариф овони кору зиндагӣ дар вилоят тавассути ҷаҳоннамоии ҷумҳурӣ, ки гоҳгоҳ асарҳояшро намоиш медоданд, бароям ошно буд. Вале дар гӯшаи хаёлам наомада буд, ки баъди чанд сол, дар пойтахт бо ӯ аз наздик шинос шуда, ҳамсуҳбат хоҳам шуд.

Бино ба фикри мутахассиони соҳа, санъати фортепианои Ӯзбекистон бо номи композиторони саршинос иртиботи ногусастанӣ дорад. Дар байни онҳо номи Мустафо Бафоев мақоми хоссаеро ишғол мекунад. Вай устоди тасвири сиклии фортепиано мебошад.

Осори бадеии М. Бафоев, пеш аз ҳама, ба анъанаҳои миллӣ ва фарҳангии Ӯзбекистон алоқаманданд. Маҳз ҳамин амр таваҷҷуҳи композиторро ба эҷоди асарҳои силсилавӣ тақвият бахшидааст. Маълум аст, ки силсилабандӣ барои мусиқии анъанавии миллӣ хос буда, он дар мақомҳо ҷойгоҳи муҳим дорад.

Бояд қайд намуд, ки бастакор муаллифи жанрҳои телебалет ва телеопера-достон мебошад. Телебалетҳои «Нодира», «Бурҷи Улуғбек», «Нур аз гузашта» ва телеопера-достони «Бухорои Шариф» маҳсули меҳнати ӯянд. Опера-балети «Умари Хайём» шавқбарангез аст.

Дар онҳо муҳаббат ба медитатсия ва андешаронӣ бартарӣ дорад. Масалан, дар «Умари Хайём», хоссатан дар саҳнаи «Муколама бо ситораҳо» ҷаҳонбинии фалсафии композитор ифода ёфтааст.

Ҳамчунин бояд ёдрас намуд, ки дар операи «Умари Хайём»-и ӯ саҳнаҳои ҷашни Наврӯз ба назар мерасанд. Дар оратория-балети «Оинҳои зардуштӣ» оҳангҳои расму русуми қадимӣ эҳё гардидаанд.

Ин ҳамаро якҷо бо забони мусиқии Ғарбу Шарқ ифода карда тавонистан аз ҳунарпешае, ки оҳанг меофарад, дониш ва маҳорати фавқулоддаро тақозо дорад. Чунин ба назар мерасад, ки оҳангҳои тавассути созҳои мусиқӣ танинандозгардидаи композитор дар худ қудсияте дорад.

Аз хок баромадему дар хок шудем,
Осуда баромадему ғамнок шудем.

Ин байти халқӣ ишора ба аз гил (хок) пайдо шудани инсон аст. Дар ривоятҳо омадааст, ки Худованд нахуст замину осмон, офтобу моҳу ситорагон, кӯҳу дарё ва дашту водиҳои сабзро офарид. Вале ҳанӯз навбати офариниши инсон нарасида буд. Парвардгор рӯзе тасмим мегирад, ки Одамро дар биҳишт биофарад. Аз гил пайкари зебои Одамро месозад ва порае аз ҷони худро бар димоғаш медамад. Вале ҷон (рӯҳ) вориди тан нашуд. Найеро бибриду аз он най (сози мусиқӣ) сохт ва навохт. Ҷон бо печутобҳои зиёд ба тан даромад. Ин аст, ки аз тан баромадани он низ осон нест...

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад...
К-аз найистон то маро бибридаанд,
Дар нафирам марду зан нолидаанд...
Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш...

(Ҷалолиддин Балхии Румӣ).

Шояд сабаб ин аст, ки садои пургудози най ва дигар созҳои мусиқӣ қути рӯҳи инсон аст.

Мустафо Бафоев дар тӯли фаъолияти эҷодӣ паҳлуҳои нозуки мусиқии Шарқу Ғарбро аз устодон – композиторони касбӣ Мухтор Ашрафӣ, Мутаваккил Бурҳонов, Сулаймон Юдаков ва дигарон омӯхт. Дар навбати худ онҳо ҳунару саликa ва осори офаридаи шогирди худро баланд арзёбӣ кардаанд.

Вақте хабарнигоре ба яке аз муаллифони суруди миллии Ӯзбекистон – Мутаваккил Бурҳонов суол мекунад, ки оё ӯ ба ҳамаи орзуҳояш расидааст? Ӯ аз ғояти хоксорӣ посух медиҳад: «Як орзу доштам, ки мехостам боз ҷавон шаваму аз композитор Мустафо Бафоев сабақ гирам. Вале ин аз доираи имкон берун аст».

Солҳои таҳсил дар консерватория, пас аз ошноӣ бо яке аз поэмаҳои симфонии Бафоев, устоди ӯ Алексей Козловский, ба вачд омада гуфта будааст: «Ту композитори рақами як хоҳӣ шуд!».

– Ин сухани ӯ ҳанӯз дар паси гӯшам садо медиҳад, – гуфт боре дар суҳбат бо ин ҷониб Мустафо Бафоев. – Шояд ин гуфтаи ӯ заминаи воқеӣ надорад, вале он дар тӯли умр каминаро ба аз таҳти дил меҳнат кардан, омӯхтан ва ба пеш рафтан ҳидоят намуд.

Соли 1972 Мухтор Ашрафӣ бо романс-поэмаи ӯ бар ғазали Амир Хусрави Деҳлавӣ ошно шуда, аз маҳорати оҳангсози ҷавон ба ҳайрат меояд.

Мустафо Бафоев дар тӯли умр на танҳо эҷод кард, балки ба тарбияи шогирдон низ рӯйи этибор гардонд. Шогирдони ӯ дар кишварҳои гуногуни дунё: композиторони ҷавон ва магистрҳо Сарвар Юсупов, Ғайратҷон Муҳаммадов, Саид Муҳамедов, Абдусаттор Эркинов аз Ӯзбекистон; Баҳодур Аллаиёзов, Ҷамил Чаршемов, Раъно Абатбаева аз Қароқалпоқистон; Бахтиёр Убайдзода, Бахтовар Давлатов аз Тоҷикистон; Эмре Сихан Калелӣ аз Туркия; Нурбону Эмин аз Урумчии Чин; Даниил Сергеев аз Русия ӯро бо камоли ифтихор устоди худ меҳисобанд.

Мустафоака ва холаи Дилбар ду духтар – Моҳигул ва Зулоларо ба камол расонданд. Моҳигул як писару як духтар дорад. Ҳар се касби падару боборо интихоб кардаанд. Муҳаммадҷон скрипка менавозад, Парвина – фортепиано. Ҳоло ҳар ду дар Олмон фаъолият доранд.

Зулола корманди соҳаи тибб, 4 духтар дорад ва ду набера. Ситорабону – блогер, Рухшона – мутахассиси молия, Шокира – дизайнер, Муштарӣ соҳаи тибро интихоб кард.

Ду абера – Алии 5-сола ва Амини 3-сола мояи дилхушии бобову бибианд.

Новобаста аз жанри мусиқии миллӣ, ба мушоҳида мерасад, ки нигоҳи мавсуф ҳамеша пурмазмун, ҳаётӣ ва фалсафист.

Дар Театри давлатии академии калони Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоӣ дар тӯли солҳои Истиқлол чанд операи композитор ба саҳна гузошта шудаанд. Операҳои таърихии «Умари Хайм», «Осмони ишқи ман», «Хамса»-и Навоӣ ва операи «Алишер Навоӣ» аз он ҷумлаанд. Интизор меравад, ки соли оянда операи «Амир Темур» низ дар ин саҳнаи бонуфуз ба тамошобинон пешкаш мегардад.

Операҳои «Шайхурраис Ибни Сино» ва «Борбад» чанде қабл дар саҳни Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнии Тоҷикистон гузошта шуда буданд.

Директори Театри миллии Тоҷикистон Манучеҳр Шарифзода, ки ин муассиса дар арафаи 35-умин солгарди Истиқлоли Тоҷикистон ба истифода дода шуд, изҳор доштааст, ки мавсими нави театри нав бо намоиши операҳои «Шайхурраис Ибни Сино» ва «Борбад» оғоз хоҳад шуд.

Композитори маъруф айни ҳол, дар баробари эҷод дар бахши мусиқии миллӣ, донишу маҳораташро ба насли ҷавон меомӯзонад. Ӯ муаллифи 7 опера, 10 оратория, беш аз 30 консерти созӣ ва 200 суруду романс мебошад.

Дар эҷодиёти Мустафо Бафоев асарҳои фортепионоӣ ва хорӣ ҷойгоҳи хос доранд. Осори саршор аз колорити миллӣ, образҳои нотакрори драматикӣ ва лирикии ҳаяҷонбарангези ӯро мутахассисони соҳа баланд арзёбӣ кардаанд.

Меҳнат ва дастовардҳои эҷодии композитори маъруф аз ҷонибӣ ҳукумати ҷумҳурӣ қадр гардидаанд. Ӯ тибқи фармони Президент бо орденҳои «Фидокорона хизматлари учун» ва «Меҳнат шуҳрати» сарафароз гардонда шудааст.

Мо бар онем, ки вуқуфи комил аз нозукиҳои мусиқии Шарқу Ғарб, дониши фарох, истеъдоди фитрӣ, мутолиаи пайваста ва меҳнати содиқона Мустафо Бафоевро ба қуллаи мақсад расондааст.

Маэстро баъди чанде ба зинаи муборaки 80-уми умр қадам мегузорад. Ба ин муносибат ӯро аз номи мухлисони сершумораш ва хонандагони рӯзномаи «Овози тоҷик» самимона табрик менамоем. Умедворем, ки ӯ бо дилу рӯҳи ҷавон ва хиради ба инсонҳои солору хирадманд хос бо осори нав ба нави мусиқӣ табъи мухлисони сершумораш болида месозад.

Абдулло СУБҲОНОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

ДАР ПАСИ ЯК ҲУНАР – ОРЗУ ВА МЕҲНАТИ ЧИЛ ЗАН



Аз як порча гил то офаридани асари нафиси ҳунарӣ... Дар паси ин раванд маҳорат, сабру таҳаммул ва меҳнати содиқона таҷассум ёфтааст.

Дар маҳаллаи Ёркатайи ноҳияи Уйчӣ бо ташаббуси соҳибкор Соҳиба Нурматова коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти чиннӣ-фаянс ва сафолӣ таъсис дода шудааст, ки самараи меҳнат, ташаббус ва соҳибкории созанда мебошад.

Сехи мазкур дар муддати кӯтоҳи оғози фаъолияташ ба манбаи шуғл ва даромади занону духтарон табдил ёфтааст. Аз ҷумла, 20 нафар дар худи коргоҳ бо кори доимӣ таъмин буда, боз панҷ хоҷагӣ дар асоси ҳунарҳои хонагӣ ба фаъолият ҷалб гардидаанд.

Дар ин ҷо на танҳо маҳсулот истеҳсол мешавад, балки ҳунармандони нав низ ба камол мерасанд. Занону духтарон дар асоси анъанаи устоду шогирд асрори касбро омӯхта, маҳорати худро пайваста такмил медиҳанд.

Коргоҳ дар як моҳ аз 35 ҳазор то 60 ҳазор дона чиннӣ истеҳсол мекунад. Айни замон ҳашт навъи маҳсулот омода гардида, дар баробари бозори дохилӣ ба Чин низ содир мешавад.

Хадамоти иттилоотии ҳокимияти ноҳияи Уйчӣ.

Аксарият Фарҳод Бобоҷоновро ҳамчун наттоқи телевизион мешиносанд. Ҳақиқатан вай солҳои дароз дар «оинаи нилгун» ба сифати баранда фаъолият бурд. Дар қатори Даврон Зуннунов, Мирзоҳид Раҳимов, Насиба Қамбарова, Насиба Иброҳимова ва дигар шахсиятҳое, ки симояшон ба бинандагони телевизиони ҷумҳурӣ ошност, тавассути барномаҳои рангоранги телевизионӣ ба ҳар хонадон «ташриф оварданд», одами «худӣ» гашт ва дар қалбҳо ҷой гирифт.

САДОИ МОНДАГОР



Барои хидматҳои шоёни бештар аз нимасрааш дар идораҳои радио ва телевизион бо унвони фахрии «Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон», «Ҳунарпешаи мардумиии Қароқалпоқистон» сарфароз гардонда шудааст. Диктори тоифаи олӣ мебошад.

Воқеан вай баробари нутқи хуб қалами хуб низ дорад – нависандаи соҳибзавқ аст. Ҳикоянависиро аз ҷавонӣ машқ мекард, аз Одил Ёқубов маслиҳатҳо гирифтааст. Ба санъат ва адабиёти тоҷик низ то андозае алоқаманд. Интизор меравад яке аз асарҳои хотиравиаш ба тоҷикӣ тарҷума ва моҳҳои наздик дар шакли китоб ба дасти хонанда бирасад.

Шиносоии мо бори аввал дар бинои машҳур ва ба матбуотчиёну аҳли қалам қарини «Навоӣ-30» сӣ сол қабл аз ин ба вуқуъ омада буд. Баъд чанд бор дар «Хонаи матбуот» вохӯрдем. Дар «Ғазал чӣ тавр қироат мегардад» ном мақолаам, ки дар ҳафтаномаи «Ӯзбекистон адабиёти ва санъати» чоп шудааст, оиди маҳорати ғазалхонии ин наттоқ ишораҳо карда будам.

Фарҳод Бобоҷонов соли 1950 дар Қароқалпоқистон таваллуд ёфтааст. Таълими ибтидоиро дар зодгоҳ гирифт. Баъде тақдир аҳли хонадонро ба Тошканд пайваст, аз соли 1963 дар дабистони таълими умумии рақами 82-юми пойтахт таҳсилашро идома дод.

Вай ҳанӯз дар солҳои мактабхонӣ бо академикҳо Қорӣ Ниёзӣ ва Восил Қобулов, ки дар «Шаҳри куҳна» мезистанд, аз наздик шинос ва аз суҳбатҳояшон баҳраманд шудааст. Ба адиби номвар Ғафур Ғулом дастёрӣ карда, аз ӯву ҳамсараш Муҳаррамабону дуоҳо гирифтааст...

Вай баъди хатми мактаби ёздаҳсола ба факултаи актёри кино ва драмаи Институти театрӣ ва рассомии Тошканд ба номи А. Островский дохил шуд. Бинобар тақозои вазъи оилавӣ ба шуъбаи шабона гузашт ва дар лабораторияи назди «Ӯзбекфилм» ба сифати плёнкакашон кор кард. Дар ин ҷо бо Шукур Бурҳонов, Ҳикмат Латипов, Раҳим Пирмуҳаммедов ва дигар чеҳраҳои намоёни санъати синамо аз наздик шинос гашт.

Аввалин машғулот аз маҳорати актёриро ба ӯ Абдураҳим Сайфуддинов, Арсен Исмоилов ва Харламбидис барин устодони шинохтаи соҳа омӯзонданд. Бо вай диктор Мирзоҳид Раҳимов, актёр Мурод Рачабов, актриса Гулчеҳра Саъдуллоева дар институт ҳамсабақ буданд. Санъатшинос ва ношир Сотимхон Инъомхоҷаев (равонашон шод бод), ки аз қадрдонҳои «Овози тоҷик» буданд, он айём дар институт аз нутқи саҳна сабақ медоданд. Фарҳод Бобоҷонов аз устоди худ бинобар машғулоти ҷолибе, ки мегузарониданд, як умр миннатдор аст.

Мавсуф бо дастгирии муҳаррири телевизиони Ӯзбекистон (он вақт телестудияи Тошканд) Тоҳир Муллобоев 31 августи соли 1966 бори аввал дар рӯбарӯи телекамера сухан ронд ва шеърхонӣ кард.

Баъдтар телевизиони Ӯзбекистон ба як пораи ҳаёти маънавии Фарҳод Бобоҷонов, ки ҳанӯз аз давраҳои ҷавонӣ нутқи фасеҳ, садои марғуб дошт, табдил ёфт. Вале фаъолияти мустақилона дар ин даргоҳ осон даст надод. Лозим омад аз санҷишҳои сахт гузарад, монеаҳои зиёдро бартараф намояд.

Қабл аз ба телевизион омадан, дар охири солҳои шастум, Фарҳод Бобоҷонов ҳамроҳ бо Дилфуза Гуломова дар радио барандагӣ кардааст. Барои ҳарҷониба «чарх задан»-и нутқи ман радио нақши муҳим бозидааст, иқрор мешавад вай. Маҳорати дикторӣ дар симоро бошад (аз соли 1972 наттоқиаш дар телевизион ба таври расмӣ эълон гашт) ба ӯ диктори шинохта Насиба Иброҳимова омӯзондааст.

Ҳамчунин барои дар телевизион фаъолият бурданаш вай аз коргардон Мираббос Мирзоҳмадов бисёр миннатдор. «Часорати падаронамон», «Соҳибони истиқбол», «Донишҷӯён – давраи тиллоӣ» барин намоишҳо бо иштироки диктори он вақт ҷавон Фарҳод Бобоҷонов таваҷҷуҳи телетамошобинони зиёдро ба худ мекашид.

Дар радио ва телевизион асосан чун баранда фаъолият барад ҳам аз ҳамон вақтҳо бо коргардонҳои театри телевизионӣ ҳамкориро ба роҳ гузошт.

Муҳаббаташро ба адабиёт Пирмат Худойберганов, ки дар дабистони таълими умумӣ аз ин фан дарс додааст, бедор карда бошад, дар тарбияи истеъдоди наттоқиву санъатвариаш Анвар Исроилов, Рустам Ёвқочев, Ӯктам Ҷобиров барин устодон хидмати босазо кардаанд. Дар эҷоди бадеӣ сабақҳои аввалинро аз адиб Асқад Мухтор гирифтааст ва ӯро чун устод эътироф кардааст. Ҳамроҳ бо коргардон Маҳкам Муҳамедов бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти ибратбахши ӯ бо унвони «Умр» филми ҳуҷҷатӣ омода намудааст. Намоиш алъон дар «Фонди тиллоӣ»-и телевизион маҳфуз дошта мешавад.

Ҳанӯз дар ибтидои солҳои ҳафтодум дилбастагиаш ба адабиёт эҳсос мегашт. Хусусан ба падидаҳои қаламии Миртемир рӯй меоварад, шеърҳояшро азёд мекард. Ҳофизаи бақувват, ки дорад, Фарҳодака аз эҷоди суханварони дигар низ шеърҳои зиёд азёд кардааст.

Барномаи «Шоми шеърият»-и телевизион муҳлисони сершумор дошт. Шоири халқии Ӯзбекистон Зулфия Исроилова низ ба он таваҷҷуҳ мекард. Бо хоҳиши ӯ бахшида ба 65-солагии Ҳамид Олимҷон Фарҳодака «Гулдастаи шеър» ном барномаи адабӣ таҳия сохт.

Соли 2001 дар диёрамон 2700-солагии китоби «Авасто» васеъ таҷлил гашт. Ба намоиши секисматае, ки ба ин муносибат телевизиони Ӯзбекистон омода намуд, Фарҳод Бобоҷонов муаллифӣ ва барандагӣ намуд. Вай барои ин намоиш мукофоти асосии озмуни «Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз»-ро ба даст даровард. Худи ҳамон сол ӯро бо ордени «Дӯстлик» мукофотониданд.

Мавсуф дар чанд соли охир ҳамчун узви фаъоли Ҷамъияти «Тарғибгарони маърифат» дар як қатор вилоятҳои ҷумҳуриамон бо одамони касбу кори гуногун вохӯрда ва маърӯзаҳо хондааст. Сабақҳое, ки аз устодонаш гирифтааст, барояш чун дастуруламали ҳаётӣ ба кор меоянд.

Ҳамсараш Шоира ҳанӯз дар охири солҳои шастум дар намоишҳои телевизионии «Юлдузча» (барнома барои бачаҳо) барандагӣ мекард. Дар ибтидои солҳои ҳафтодум, асноe дар радио ҳамроҳ барандагӣ менамуданд, ҳис мегашт, ки ба якдигар бефарқ нестанд. Дар хислату характерҳои дикторҳои он вақт ҷавон ҷиҳатҳои ба ҳам монанд зиёд буданд. Ҳамсадо будани дилҳо илҳо намуд оила барпо кунанд – моҳи июни соли 1973 тӯйи арӯсиашон воқеъ гашт. Солҳои зиёд хушбахтона ҳаёт гузаронда ва панҷ фарзандро ба воя расонданд. Мутаассифона, ҳаёт бо як маром давом намекунад – пастиву баландиҳо дорад. Вафоти завҷаш Фарҳодакаро ба изтироб андохт. Бемор шуд. Лекин ҷаҳд мекунад ба пиронсоливу асорати он тан надиҳад. Дар ин кор ба вай ҳамсари наваш Зумрадапа бо парваришу нигоҳубини тахдидилона кумак мерасонад. Ба тоҷикӣ нашр шудани хотираҳои соҳиби сари соҳибқалам-ашро низ ин зани дилогоҳ сарубар аст.

Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 2033. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.